Аз 01.08.2023, №365

«Оид ба назорати камералӣ»

Бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти моддаи 42 Кодекси андоз, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, пешгирии ҳолатҳои беасос халалдор сохтани фаъолияти субектҳои хоҷагидор, мусоидат намудан ба андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани номутобиқатиҳои дар ҳисоботҳои андозӣ ва пардохтҳо ҷойдошта, ба танзим даровардани назорати камералӣ ва таъмини самаранокии фаъолият, тибқи талаботи моддаи 167 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шаклҳои огоҳинома аз натиҷаи назорати камералӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).
2. Гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз (ба истисноси раёсатҳои андоз дар ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои тобеъи он) манъ карда шавад.
3. Назорати камералӣ ба таври мутамарказ аз ҷониби сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои тобеъи он гузаронида шавад.
4. Аз ҷониби РААК ва нозиротҳои тобеъи он назорати камералӣ дар асоси супоришҳои хатии Кумитаи андоз бо пешниҳоди гузоришҳои асоснок амалӣ карда мешавад.
5. Сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе

барасмиятдарории натиҷаҳои назорати камералиро бо риояи талаботи зерини фармоиши мазкур ба роҳ монанд:

- бо мақсади пешгирӣ намудани қабули огоҳиномаҳои беасоси назорати камералӣ ва ҳолатҳои баҳснок байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, сардори шӯъбаи назорати камералии Кумитаи андоз ва сардорони шуъбаҳои санҷишӣ раёсатҳои андоз дар ВМКБ, Суғду Хатлон ва ш. Душанбе огоҳиномаҳои назорати камералиро ба барномаи компютерии СМИИА "Назорати камералӣ" ворид намоянд.
- сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва раёсатҳои андоз дар ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе огоҳиномаҳои назорати камералиро танҳо тавассути барномаи СМИИА ба андозсупорандагон дастрас намоянд;
- нисбат ба ҳар як назорати камералӣ дар барномаи СМИИА "Назорати камералӣ" парвандаи алоҳида кушода шуда, дар он ҳамаи маводҳои алоқаманд ба назорати камералӣ ва натиҷаи чораҳои андешидашуда дар шакли электронӣ нигоҳ дошта шавад.

6. Маблағи ошкоршудаи андозҳо дар фаъолияти шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ то 50,0 ҳазор сомонӣ ва шахсони ҳуқуқӣ то 100,0 ҳазор сомонӣ бе гузаронидани назорати камералӣ бо роҳи ирсоли огоҳиномаҳои хаттӣ ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати аз ҷониби андозсупорандагон мустақилона пешниҳод намудани эъломияҳои иловагии андоз ислоҳ карда шавад.

7. Аз ҷониби андозсупоранда эъломияи иловагии андоз вобаста ба иҷрои талаботи огоҳиномаи назорати камералӣ тариқи электронӣ пешниҳод карда шавад.

8. Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ риоя накардани талаботи яке аз бандҳои фармоиши мазкур, асос барои беэътибор донистани натиҷаи огоҳиномаи назорати камералӣ гардида, нисбати сардорони воҳидҳои дахлдори мақомоти андоз ва шахсони масъул, тибқи тартиби муқарраргардида чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

9. Сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андоз ҷиҳати мунтазам такмил додани барномаҳои СМИИА "Назорати камералӣ" вобаста ба хусусияти фаъолияти андозсупорандагон ва камбудиҳои ошкоршуда чораҷӯӣ намоянд.

10. КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" бо дарназардошти фармоиши мазкур дар барномаи СМИИА "Назорати камералӣ" тағйироти дахлдор ворид намуда, ҷиҳати ба таври автоматӣ ирсол гардидани СМС –паёмак ба "Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда" ва телефонҳои мобилии роҳбар ва муҳосиби андозсупоранда чораҷӯӣ намояд.

11. Сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андоз дар якҷоягӣ бо раёсатҳои такмили қонунгузории андоз, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва таъмини ҳуқуқӣ ҷиҳати омода намудани дастури методӣ оид ба тартиби гузаронидани назорати камералӣ чораҷӯӣ намоянд.

12. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ ва КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" барои пушонидани хароҷоти СМС –паёмакҳои ба андозсупорандагон ирсолшаванда чораҷӯӣ намоянд.

13. Сарраёсатҳои назорати андоз, маъмурикунонии андоз ва Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон барои дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намудани фармоиши мазкур ва ба чоп расонидани он дар ҳафтавори "Боҷу хироҷ" чораҷӯӣ намояд.

14. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро барои маълумот ва корбарӣ ба сарраёсатҳо, раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

15. Назорати иҷрои Фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

16. Фармоишҳои Кумитаи андоз аз 21.01.2022, №57 ва аз 03.03.2023, №130 "Оид ба назорати камералӣ" аз эътибор соқит дониста шаванд.

Раис Н. Давлатзода